Tajik | Тоҷикӣ

Mayor's Office of Immigrant Affairs

ЗАХИРАҲО БАРОИ МУҲОҶИРОНИ НЮ-ЙОРК

НОВОБАСТА АЗ МАҚОМИ МУҲОҶИРАТИИ ШУМО, ШАҲРИ НЮ-ЙОРК БАРОИ КУМАК ОМОДА АСТ.

Ёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират

Барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон ва бехатар оид ба масъалаҳои муҳоҷират, аз душанбе то ҷумъа, аз соати 9:00 то 18:00**, ба рақами 800-354-0365** занг занед.

Корти мушаххаси NYC

Барои гирифтани IDNYC, корти мушаххаси шаҳрии ройгон барои ҳамаи сокинони Ню-Йорк, ки синнашон аз 10-сола боло аст, дархост пешниҳод кунед. Барои тамдиди муҳлат тариқи онлайн ё таъин кардани вақти қабул барои сабти ном **ба рақами 311 занг занед** ё ба сомонаи **nyc.gov/idnyc ташриф оред**

Дарсҳои забони англисӣ

Дар дилхоҳ вақт ва ҷой дар дарсҳои **ройгони забони англисӣ** иштирок кунед. Барои маълумоти бештар ба сомонаи **wespeaknyc.cityofnewyork.us** ташриф оред.

Нигоҳдории тандурустӣ

NYC Health + Hospitals (H+H) метавонад ёрии таъҷилӣ, хизматрасонии тиббии асосӣ, муоинаҳо, эмгузаронӣ ва ғайраро пешниҳод намояд. **Ба рақами 1-844-NYC-4NYC (1-844-692-4692) занг занед, то шуморо ба наздиктарин марказ равона кунанд.** Барои номнавис шудан дар нақшаҳои суғуртаи тиббӣ, аз ҷумла барномаи **NYC Care**, ба рақами **646-NYC-CARE (646-692-2273)** занг занед ё ба сомонаи **nyccare.nyc ташриф оред**

Саломатии равонӣ

Барои дастгирии махфӣ ва пайвастшавӣ ба хадамоти ҳифзи саломатии равонӣ ва захираҳо оид ба истеъмоли маводи мухаддир, ба рақамҳои **888-692-9355 ё 988** занг занед ё ба рақами **65173 паёмак (SMS) бо матни WELL** фиристед. Сокинони Ню-Йорк метавонанд барои дастрасӣ ба захираҳои бисёрзабона оид ба хизматрасониҳои соҳаи саломатии равонӣ дар Ню-Йорк ба сомонаи **nyc.gov/mentalhealthaccess** ташриф оранд ё барои пайдо кардани хизматрасониҳои соҳаи саломатии равонӣ аз феҳристи онлайни NYC 988 дар сомонаи **nyc.gov/mentalhealthservices** истифода баранд.

Вазъиятҳои фавқулода

Дар ҳолати фавқулода ба рақами 911 занг занед. Вазъияти фавқулода — ин ҳар гуна вазъиятест, ки ёрии фаврии политсия, хадамоти оташнишонӣ ё ёрии таъҷилиро талаб мекунад. **Тибқи қонун, Департаменти политсияи шаҳри Ню-Йорк (New York City Police Department) ҳақ надорад, ки дар бораи мақоми муҳоҷиратии қурбониёни ҷиноят, шоҳидон ё дигар шахсоне, ки ёрӣ мепурсанд, пурсон шавад.**

Таҳсилоти давлатӣ

Ҳамаи кӯдакони Ню-Йорк аз синни 4 то 21-сола метавонанд дар мактаби давлатӣ таҳсил кунанд. Барои номнавис шудан, ба сомонаи **schools.nyc.gov/fwc ташриф оред** ё **ба рақами 311 занг занед.**

Захираҳои умумии шаҳрӣ ва маълумот

Мехоҳед ба захираҳои шаҳрӣ дастрасӣ пайдо кунед ё дар бораи мушкилот хабар диҳед? Ба рақами **311** занг занед ё ба сомонаи **portal.311.nyc.gov** ташриф оред.

Телефони боварии Раёсати кор бо муҳоҷирони Ню-Йорк

Ба телефони боварии мо бо рақами 212-788-7654 аз душанбе то ҷумъа, аз соати 9:00 то 17:00 занг занед ё ба суроғаи электронии **askmoia@cityhall.nyc.gov нома фиристед.**

Tajik | Тоҷикӣ

Mayor's Office of Immigrant Affairs

ЗАХИРАҲО БАРОИ МУҲОҶИРОНИ НЮ-ЙОРК

НОВОБАСТА АЗ МАҚОМИ МУҲОҶИРАТИИ ХУД, ШУМО ҲУҚУҚҲО ДОРЕД.

Аз қаллобӣ дар соҳаи муҳоҷират худдорӣ намоед

Агар ба шумо маслиҳати ҳуқуқӣ оид ба муҳоҷират лозим бошад, танҳо бо адвокати иҷозатномадор ё намояндаи аз ҷониби Вазорати адлия (Department of Justice, DOJ) аккредитатсияшуда суҳбат кунед. Шумо метавонед рӯйхати провайдерҳои аккредитатсияшуда ва эътирофшударо дар сомонаи **nyc.gov/immigrationfraud** пайдо кунед

Ҳуқуқҳо дар робита бо мақомоти назорати муҳоҷират

Шаҳри Ню-Йорк иҷрои қонунҳои муҳоҷиратро назорат намекунад. Агар кормандони федералии назорати муҳоҷират ба шумо муроҷиат кунанд, шумо ҳуқуқҳо доред. Ба сомонаи **nyc.gov/knowyourrights** ташриф оред ё ба хатти доғи ҳуқуқии ройгони мо оид ба масъалаҳои муҳоҷират бо рақами **800-354-0365** занг занед

Ҳуқуқҳои коргарон

Тибқи қонунҳои шаҳри Ню-Йорк, шумо ба рухсатии бемории пардохтшаванда, ҳадди ақали музди меҳнат, пардохти кори иловагӣ ва ғайра ҳуқуқ доред. Барои дастрасӣ ба захираҳо ба сомонаи **nyc.gov/workers** ташриф оред ё ба рақами **212-436-0380** занг занед

Хабар додан дар бораи табъиз

Озордиҳӣ ва табъиз тибқи қонун "Дар бораи ҳуқуқи башари Ню-Йорк" ғайриқонунӣ мебошанд. Барои хабар додан дар бораи табъиз, лутфан ба рақами **212-416-0197** занг занед ё ба сомонаи **nyc.gov/reportdiscrimination** ташриф оред

Ҳимоя аз зӯроварӣ дар оила

Агар шумо дучори зӯроварӣ шуда бошед, шаҳри Ню-Йорк барои кумак омода аст. Шумо метавонед ба сомонаи **nyc.gov/nychope** ташриф оред ё ба телефони боварии шаҳри Ню-Йорк оид ба зӯроварӣ дар оила ба рақами **800-621-HOPE** занг занед

Ҳуқуқҳои иҷоранишинон

Оё ба шумо дар ҳалли масъалаҳои марбут ба кӯчонидан ё соҳибхона кумак лозим аст? Ба сомонаи **nyc.gov/tenantprotection** ташриф оред ё ба рақами **311** занг занед ва барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон **"tenant helpline" (телефони боварӣ барои иҷоранишинон)** гӯед

Ҳуқуқ ба сарпаноҳ

Агар шумо бехонумон бошед, шумо ҳуқуқи дарҳхост кардани сарпаноҳро доред. Бо ташриф овардан ба маркази қабули муайяншудаи Департамент оид ба масъалаҳлои нафарони бехона (Department of Homeless Services, DHS), аз хизматрасониҳои сарпаноҳ истифода баред. Ба рақами **311** занг зада, маълумоти бештар гиред

Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон

Оё бо ягон ширкат мушкилӣ доред? Ҳамчун истеъмолкунанда, шумо ҳуқуқҳо доред. Бо ташриф овардан ба сомонаи **nyc.gov/consumers** шикоят пешниҳод кунед ё ба рақами **311** занг занед